16 11 2018

**Яке аз санахои бузурги таърихӣ барои мардуми мо - ин баргузории Ичлосияи XVI Шӯрои Олии Чумхурии Точикистон мебошад. Онро метавон хамчун вокеаи начотбахши миллат ном бурд.**
Махз ба шарофати он мардуми шарифи Точикистон ба хаёти осоиштаву созандагӣ расид. Бо баргузории он заминаи мусоиде барои баркарорсозии сохти конститутсионӣ дар кишвар ва, хамчунин, эъмори давлати демократӣ, хукукбунёду дунявӣ, ичтимоӣ ва ягона заминахои хукукӣ фарохам овард. Ичлосия барои миллати точик, ичлосияи такдирсоз ва начотбахш буд, зеро он халки точикро аз оташи чанг начот бахшида, Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистонро пойдор сохт ва барои пойдории вахдати миллию истикрори сулх накши созгоре гузошт.
Имрӯзхо махз ба шарофати сулху суботи комил, ки аз он рӯзи таърихӣ сарчашма мегирад, пешравихо дар тамоми сохахо ба назар мерасанд. Мардуми сарбаланди мо дар фазои сулху суботи комил кору зиндагӣ доранд ва барои ободию шукуфоии кишвари азизамон чахду талош мекунанд. Нуфузу эътибори Чумхурии Точикистон дар арсаи байналмилалӣ батадрич боло рафт.
Пешвои муаззами мо новобаста аз вазъи мураккаби кишвар ханӯз дар солхои аввали сохибистиклолӣ ба сохаи фарханг ва рушду эхёи он таваччухи хосса зохир намуда, то ба имрӯз дар ин самт, як катор конуну карор ва санадхои меъёрию хукукӣ ба тасвиб расиданд. Онхо зина ба зина амалӣ шуда истодаанд, ки максад аз он фарохам овардани фазои хуби маънавӣ дар кишвар мебошад.
Дар хама давру замонхо чойгохи илму фарханг дар хаёти мардум бузург буд. Фарханг кудратеро дорост, ки инсонхоро ба хам меорад, миллатхоро бо хам мепайвандад, инсониятро аз чахолат дур сохта, ба бунёдкорию созандагӣ хидоят менамояд. Ин рисолат дар хеч давру замоне кимати худро гум накарда, баръакс, мухимтару созандатар мегардад.
Пӯшида нест, ки бисёре аз бадбахтии инсонхо аз бемаърифатию бефархангӣ сарчашма мегиранд. Мисоли инро мо дар вазъи ночӯри сиёсии чахон, алалхусус Афгонистони хамсоя, Яман ва Сурияву Ирок мебинем. Чинояткорони ифротӣ дар ин минтака баробари ишголи дилхох шахре, ибтидо ба нест кардани ёдгорихои бостонӣ машгул мешаванд. Мактабу китобхонахоро оташ мезананд. Дар иртибот ба ин, сад дарсад бо боварӣ метавон гуфт, ки дар кишвари мо заминаи хуби фархангӣ фарохам омадааст. Мардум, махсусан наврасону чавонони миллатро, киояндаи Ватан ба онхо вогузораст, ба китобхонию китобдӯстӣ, рафтан ба китобхонахо, тамошои театрхо бояд чалбу хавасманд намоем. Ба шарофати сулху суботи комил кормандони муассисахои фархангии чумхурӣ бо маром фаъолият намуда, дар пойдории истиклолият ва вахдати миллӣ сахми арзандаи худро гузошта истодаанд.

**Акбар АБДУСАМАДОВ, корманди Агентии миллии**
**Созмони байналмилалии ракамгузории стандарти**
**китоб - Хонаи китоби Точикистон**